Бо қарори Шӯрои олимони
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат
аз «27» сентябри 2012, (суратмаҷлиси
№2/5.1)
тасдиқ шудааст.
Ректор _____________ Д. Қодиров

# НИЗОМНОМА
## дар бораи тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат

## 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

1.1. Низомнома дар бораи тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (минбаъд – Низомнома) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №114 «Дар бораи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015», Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №308 тасдиқ гардидааст, Оинномаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (ДСХ) ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи илм ва маориф таҳия гардидааст.

1.2. Мақсади Низомнома ба тартиб даровардани қоидаҳои қабул ба аспирантура ва такмили таҳсил дар он, беҳтар намудани низоми тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмии педагогӣ дар ДСХ бо истифодаи падидаҳои гузаронидани устодони муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба вазифаи ходимони илм барои тайёр намудани рисолаҳои докторӣ ва унвонҷӯӣ мебошад.

1.3. Аспирантура, падидаҳои гузаронидани устодони муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба вазифаи ходимони илм барои тайёр намудани рисолаҳои докторӣ ва унвонҷӯӣ дар ДСХ яке аз шаклҳои асосии тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар ДСХ мебошад, ки мақсади он аз қонеъ гардонидани эҳтиёҷи ДСХ ва дигар супоришдиҳандагони шароити иқтисодии бозоргонӣ иборат мебошад.

## 2. АСПИРАНТУРА

2.1. Аспирантураи ДСХ яке аз омилҳои асосии тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ ба шумор меравад, ки он барои баланд бардоштани дараҷаи илмӣ ва илмию педагогӣ имконият медиҳад. Дар аспирантура тайёр кардани кадрҳо аз рӯи номгӯи ихтисосҳои амалкунанда (феҳрасти ихтисосҳо) сурат мегирад.

2.2. Аспирантура дар мавриде ташкил дода мешавад, ки он бояд ба талаботи зерин мувофиқат намояд:

- мавҷуд будани аккредитатсияи давлатӣ ва иҷозатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти таълимӣ;

- таъмин будани ДСХ бо кадрҳои дорои дараҷаю унвони илмидошта ва қобилияти ба аспирантон роҳбарӣ кардани онҳо.

1.1. Аспирантура бо қарори Шӯрои илмии ДСХ ва бо иҷозати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармони Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода мешавад.

1.2. Пешниҳодҳо дар бораи ташкил додани аспирантура аз ҷониби роҳбарияти ДСХ ба Вазорати маориф бо нишон додани маълумотҳои зерин ирсол мегардад:

- номгӯи ихтисосҳое, ки эҳтиёҷ ба аспирантура доранд ва ҳайати роҳбарони илмӣ, ки тибқи дараҷа ва унвони илмӣ ба аспирантон аз рӯи ихтисосҳои пешниҳодгашта ҳуқуқи роҳбрӣ кардан доранд;

- рӯйхати асарҳои илмии чопшудаи ба ихтисос мансуб (барои ҳар як роҳбар алоҳида);

- қарори Шӯрои илмии ДСХ дар бораи кушодани аспирантура.

1.3. Таҳияи накшаҳои ҳарсола ва нақшаи дурнамои қабул ба аспирантура, ба кор омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогиро Шӯрои илмии ДСХ ҳаллу фасл менамояд.

1.4. Таҳсил дар аспирантура дар шаклҳои рӯзона ва ғоибона сурат мегирад. Тартиби қабул ба аспирантура ва шакли таҳсил (рӯзона, ғоибона, шартномавӣ) мувофиқи низомномаи мазку ва шартномаи тиарафайн, инчунин сметаи хароҷоти тасдиқшуда муайян карда мешавад..

## Қабул ба аспирантура

1.5. Қабул ба аспирантураи ДСХ дар асоси озмун (конкурс) шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маълумоти олии пурра (мутахассис) ё ки магистратураро бо баҳои хубу аъло хатм намудаанд, сурат мегирад.

1.6. Ба шӯъбаи рӯзонаи аспирантура дар асоси озмун шаҳрвандони то 35-сола ва ба шӯъбаи ғоибона шаҳрвандони то 45-сола, ки дар соҳаи ихтисоси интихобгардида пас аз хатми муассисаи таҳсилоти олӣ дорои собиқаи кории на камтар аз дусола мебошанд, қабул карда мешаванд.

1.7. Мутахассисони ҷавон барои иштирок дар имтиҳонҳои озмунӣ ба аспирантура бевосита пас аз хатми муассисаи таҳсилоти олӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани тавсияи шӯрои илмии муассисаи таҳсилоти олӣ (факултет) иҷозат дода мешаванд.

1.8. Мутахассисоне, ки баъд аз хатми мактаби олӣ бо роҳхат ба кор фиристода шудаанд, дар сурати доштани собиқаи корӣ 2 сола метавонанд баъд аз супоридани имтиҳонҳои қабул ба аспирантура қабул шаванд.

1.9. Шаҳрвандони хориҷӣ наздик ва дур ба аспирантураи ДСХ дар асоси шартномаву созишномаҳои байналмилалӣ ва аз рӯйи робитаҳои мустақим бо корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ, инчунин шахсони алоҳида дар асоси қарордод пас аз пешниҳод намудани нусхаи шаҳодатномаи баробарарзишии таҳсилот, ки онро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, қабул карда мешаванд. Дар ин сурат маблағи таҳсил аз рӯи сметаи хароҷоти тасдиқшуда, бо назардошти талаботи бозор ва сатҳи беқурбшавии пул муайян карда мешавад.

1.10. Шахсоне, ки аспирантураро хатм намудаанд, ҳуқуқи бори дигар ба аспирантура дохил шудан надоранд.

1.11. Ариза барои қабул шудан ба аспирантура ба номи ректор ДСХ бо замима ҳуҷҷатҳои зерин дода мешавад:

- варақаи шахсии мутахассис;

- шарҳи (тарҷумаи) ҳол:

- тавсифнома-тавсиянома аз ҷойи кор;

- нусхаи дипломи таҳсилоти олии касбӣ ва дипломи таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ (барои шахсоне, ки дагар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ё кишварҳои дигарро хатм кардаанд, - шаҳодатномаи баробарарзиши ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот);

- рӯйхати асарҳои чопшуда, ихтироот ва гузоришҳо оид ба корҳои илмиву тадқиқотӣ (шахсоне, ки асарҳои илмии чопшуда ва ихтироот надоранд, аз рӯи ихтисоси интихобкардаашон маърӯзаи илмӣ (реферат) пешниҳод менамоянд);

- нусха аз протоколи ҷаласаи шӯрои илмӣ барои шахсоне, ки ба аспирантура аз тарафи шӯроҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олӣ бевосита пас аз хатми ин муассисаҳо тавсия шудаанд;

- шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ (барои шахсоне, ки имтиҳонҳои номзадиро супурдаанд, мӯҳлати супоридани онҳо набояд аз 5 сол зиёд бошад).

Шиноснома ва дипломи (аслӣ) хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё дипломи таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимиро дохилшавандагон ба аспирантура шахсан пешниҳод менамоянд.

1.12. Қабул ба аспирантура ҳар сол дар мӯҳлати муқаррарнамудаи ДСХ доир мегардад. Барои гузаронидани маъракаи қабул ба аспирантура бо фармони ректори ДСХ комиссияи қабул ташкил карда мешавад. Аъзои комиссияи қабул аз ҳисоби кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию омӯзгорӣ (докторон ва номзадҳои илм) таъин карда мешаванд.

1.13. Ба такроран супурдани имтиҳон аз як фан иҷозат дода намешавад. Имтиҳонҳое, ки барои дохилшавӣ ба аспирантура супурда шудаанд, дар муддати як соли тақвимӣ эътибор доранд.

1.14. Шахсоне, ки имтиҳонҳои номзадиро пурра ё қисман супоридаанд, ҳангоми дохилшавӣ бааспирантура аз имтиҳонҳои дахлдори дохилшавӣ озод карда мешаванд.

Натиҷаҳои имтиҳонҳои хатми магистратура ҳангоми қабул ба аспирантура ҳамчун озмоиши дохилшавӣ ба инобат гирифта мешаванд, ба шарте ки дар нақшаи фардии магистр имтиҳонҳои магистр аз таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ ва ихтисос пешбинӣ шуда бошад.

Агар дохилшаванда магистратураро бо дипломи аъло хатм намуда бошад ба аспирантура дар сурате бе имтиҳон қабул карда мешавад, ки агар дар нақшаи шахсии магистр имтиҳонҳо аз фанни фалсафа, забони хориҷӣ ва фанни ихтисос ҷой гирифта бошад.

Роҳбарони илмии тахминшуда бо шахсони ба аспирантура дохилгардида сӯҳбат гузаронда, дар бораи он сӯҳбат ба комиссияи қабул гузориш медиҳанд.

1.15. Қарори иҷозат ба имтиҳонҳои дохилшавӣ ба аспирантураро комиссияи қабул бо назардошти хулосаи роҳбари илмии оянда аз рӯйи натиҷаҳои сӯҳбат, реферат ё асарҳои илмӣ, ҳисоботи илмиву техникии пешниҳодшуда, ихтироот ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ мебарорад ва онро ба дохилшаванда дар муддати на дертар аз як ҳафта аз рӯзи қабули қарор дар бораи иҷозати дохилшаванда ба имтиҳонҳои дохилшавӣ маълум менамояд.

1.16. Шахсони ба аспирантура дохилшаванда аз фанҳои зерин имтиҳон месупоранд:

- фанни ихтисосӣ дар ҳаҷми барномаи амалкунанда барои мутахассис ё магистр;

- забони хориҷие, ки муассисаи таҳсилоти олӣ ва муассисаи илмӣ муайян кардаанд ва ба аспирант барои иҷрои рисолаи диссертатсионӣ зарур аст;

- таърих ва фалсафаи илм.

1.17. Комиссияи қабул дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои озмунии дохилшавӣ нисбат ба ҳар номзад қарор мебарорад. Дар сурати мавҷуд будани озмун бояд номзадҳое, ки ба фаъолияти илмию педагогӣ ва кори илмӣ қобилияти бештар доранд, ба аспирантура қабул карда шаванд.

Қарор оид ба қабул шудан ё қабул нашудани довталабон ба аспирантура дар муддати панҷ рӯз пас аз хулосаи комиссияи қабул эълон карда мешавад.

1.18. Қабули довталабон ба аспирантура баъди супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ бо фармони ректори ДСХ сурат мегирад.

1.19. Мӯҳлати таҳсил дар аспирантураи рӯзона 3 сол, дар аспирантураи ғоибона 4 сол муқаррар карда мешавад.

1.20. Шахсе, ки ба аспирантураи рӯзона дохил шудааст, мувофиқи қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда мешавад. Стипендияи ба аспирантҳои рӯзона аз рӯзи қабули онҳо ба аспирантура дода мешавад.

1.21. Аз дигар муассисаи таҳсилоти олӣ ё муассисаи илмӣ ба ДСХ ва баракс, ҳамчунин аз шӯъбаи рӯзона ба ғоибона ва баръакс гузаронидани аспирантҳо аз тарафи ректори ДСХ ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ амалӣ гардонида мешавад.

1.22. Аспиранте, ки аз аспирантура то ба охир расидани мӯҳлати таҳсил хориҷ шудааст, аз ҳисоби маблағҳои пардохтаи ӯ барои мӯҳлати боқимондаи таҳсил барқарор шуданаш мумкин аст.

1.23. Мӯҳлати таҳсил дар аспирантураи ДСХ бо фармони ректори ДСХ дар вақти рухсатӣ ба сабаби ҳомиладорӣ ва таваллуд ва ҳамчунин ДСХ дар давраи бемории давомнокиаш бештар аз як моҳ, ба шарти мавҷуд будани хулосаи дахлдори тиббӣ дар ҳудуди маблағҳои шартномавии пардохташуда дароз карда мешавад.

**Таъини роҳбари илмӣ, тасдиқи мавзӯи илмӣ-тадқиқотӣ ва нақшаи инфиродии таҳсили аспирантҳо**

1.24. Ба ҳар як аспирант баробари қабул шудан ба аспирантура аз ҳисоби докторҳои илм роҳбари илмӣ тасдиқ карда мешавад.

Дар мавридҳои ҷудогона бо қарори Шӯроҳои олимони ДСХ барои тайёр кардани аспирант номзадҳои илми ихтисосҳои дахлдорро низ ҳамчун роҳбари илми ҷалб кардан мумкин аст.

Агар аспирант дар ихтисосҳои ба ҳам наздику алоқаманд ба таҳқиқоти илмӣ машғул бошад, доштани ду роҳбар ё роҳбару мушовир, ки яке аз онҳо метавонад номзади илм бошад, иҷозат дода мешавад.

1.25. Теъдоди аспирантҳое, ки ба як роҳбари илмӣ вобаста карда шудаанд, набояд аз панҷ нафар зиёд бошад ва бо розигии роҳбар аз тарафи роҳбарияти ДСХ муайян карда мешавад.

1.26. Роҳбари илмӣ аз ҷониби аспирант иҷро шудани нақшаи инфродии таҳсилро назорат мекунад, ки музди меҳнати ӯ ба тариқи тартиби муқаррарнамудаи банди 2.42 ҳамин Низомнома пардохт карда мешавад.

1.27. Мавзӯи рисолаҳо ва нақшаҳои инфиродии таҳсили аспирантҳоро на дертар аз се моҳ баъди қабулшавӣ ба аспирантура аз ҷониби ректори ДСХ бо пешниҳоди Шӯрои олимони факултетҳо тасдиқ мекунанд.

**Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аспирантҳо**

1.28. Аспирантҳо дар муддати таҳсил тӯли таҳсил *ӯҳдадоранд, ки:*

- нақшаи инфиродии таълимии корро пурра иҷро намоянд;
- имтиҳонҳои номзадиро аз таърих ва фалсафа, яке аз забонҳои хориҷӣ ва ихтисос супоранд;
- рисоларо ба анҷом расонанд, аз гузаронидани экспертизаи пешакӣ;
- гузаштан аз аттестстатсия солона ва марҳилавӣ;
- пардохт намудани маблағи таҳсил тибқи шартнома ва сметаи хароҷоти тасдиқшуда.

1.29. Аспирант барои иҷрои кори илмии худ метавонад аз таҷҳизотҳо, лабораторияҳо кабинетҳо, китобхонаи донишкада истифода кунад. Вай ҳуқуқи ба

сафарҳои хизматӣ, аз он ҷумла ба донишгоҳҳои олӣ ва марказҳои илмии хориҷӣ рафтанро дорад

1.30. Шӯрои олимони ДСХ (факултаҳо) кори аспирантҳоро назорат мекунанд, ҳисоботи аспирантҳо ва роҳбарони илмии онҳоро ба таври мунтазам баррасӣ менамоянд.

1.31. Барои онҳое, ки шӯъбаи рӯзонаи аспирантураро хатм кардаанд, муддати таҳсил ба собиқаи кори илмиву тадқиқотӣ дохил карда мешавад.

1.32. Шахсоне, ки таҳсилро дар шӯъбаи рӯзона (ғоибона)-и аспирантура ба поён расонидаанд ва шахсоне, ки кори мустақилонаи илмиву тадқиқотиро иҷро кардаанд, ба ҳимояи рисолаи номзадӣ роҳ дода мешаванд.

1.33. Аспирантҳои таҳсили рӯзона, ки иҷрои нақшаҳои инфиродии худро бомуваффақият анҷом медиҳанд, бо иҷозати хатии роҳбари илмӣ ҳақ доранд ба корҳои пардохтшаванда шуғл варзанд.

1.34. Аспирантҳое, ки аз аспирантура бо сабабҳои узрнок хориҷ карда шудаанд ё дар рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак мебошанд, ҳуқуқи ба аспирантура барқарор шуданро доранд, ба шарте, ки маблағи пешпардохти онҳо барои идома додани таҳсили соли навбатӣ кифоя бошад, ё маблағи соли навбатиро пардохта бошанд.

1.35. Аспирантҳо баъд аз хатми аспирантура мувофиқи қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои (қарордодҳои) тарафайн ба кор таъмин карда мешаванд.

**Аттестатсияи аспирантҳо**

1.36. Аспирант ҳар сол аз аттестатсияи кафедра ва факултет мегузарад, бо ба расмиётдарории варақаи аттестатсионӣ анҷом дода мешавад (Замимаи 1). Кафедра метавонад дар нақшаи инфиродии аспирант гузаштани аттестстаияи марҳилавиро низ муқаррар намояд. Пеш аз доир шудани маҷлиси кафедра ӯро роҳбари илмиаш аз аттестатсия мегузаронад, вагарна ба аттестатсия кафедра роҳ дода намешавад.

1.37. Аспирант вазифадор аст, ки барои гузаштан аз аттестасияи солона ва марҳилавӣ ба роҳбари илмӣ ва кафедра ҳисобот пешниҳод менамояд. Аспиранте, ки дар мӯҳлатҳои муқарраршуда нақшаҳои инфиродии таҳсилро иҷро намекунад ва аз ҷониби роҳбари илмӣ ва кафедра аз аттестатсия газаронида нашуда, бо фармони ректори ДСХ аз аспирантура хориҷ карда мешавад.

**Назорат ва кафолатҳои иҷтимоии аспирантҳо**

1.38. Шӯрои илми донишкада (факултаетҳо) назратро ба кори аспирантура ташкил менамоянд: ҳисоботи аспирантҳо ва рохбарони онҳо мутазам мешунаванд.

1.39. Аспирантҳои таҳсили рӯзона ба миқдори муайяншуда ва ба таври шартномавӣ бо стипендия таъмин карда мешаванд. Дар мавриди ба тариқи мутамарказодашуда ҷудо намудани маблағ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар аспирантураи ДСХ таҳсил ройгон сурат мегирад.

Ба аспирантҳо аз рӯи тартиби муайянкардашуда стипендияи давлатии номи стипендияи (идрори ) Президентӣ дода мешавад, ки он баъд аз қабул шудани қарори Шӯрои олимони ДСХ барои тасдиқ намудан ба Вазорати маориф пешниҳод мегардад.

1.40. Музди меҳнати роҳбарони илмии аспирантон бо ҳисоби 100 соат ё ба тариқи муқаррар намудани маоши тафриқавӣ, ё иловапулӣ ба маоши асосӣ дар як соли хониш аз ҷониби ректори ДСХ муқаррар карда мешавад.

1.41. Аспирантҳои таҳсили рӯзона ҳар сол метавонанд ба муддати ду моҳ ба таътил бароянд.

1.42. Ба аспирантҳо пас аз хатми аспирантураи рӯзона дар сурати дифоъ намудани рисолаи илмӣ таътили якмоҳа дода мешавад.

1.43. Аспирантоне, ки аз ҳисоби ДСХ таҳсил менамояд, вазифадоранд панҷ сол бояд дар донишкада кору фаъолият намоянд. Дар сурати бе иҷозати ДСХ ба кори дигар гузаштан онҳо вазифадоранд, ки маблағи таҳсили барои онҳо аз ҷониби ДСХ харҷшударо пардохт намоянд.

1.44. ДСХ аз руи зарурат мувофиқи қарордод бо истеҳсолот, идораҳо ва ташкилотҳои илмӣ барои дохилшаванда таҷрибаомӯзӣ ба муддати як сол ташкил намояд.

## 2. ГУЗАРОНИДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ДСХ БА ВАЗИФАИ ХОДИМОНИ ИЛМ БАРОИ ТАЙЁР НАМУДАНИ РИСОЛАҲОИ ДОКТОРӢ

2.1. Омӯзгорони ДСХ-ро, ки соҳиби дараҷаи номзади илм ва натиҷаҳои намоёни тадқиқоти илмӣ мебошанд ва синнашон аз 50 зиёд нест, барои тайёр намудани рисолаҳои докторӣ ба мӯҳлати то ду сол ба вазифаи кормандони илмӣ (ходими хурди илм ва дотсент-ходими калони илмӣ) гузаронидан мумкин аст.

2.2. Омӯзгорони илмӣ-педагогии дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ, ки соҳиби дараҷаи номзади илм ва натиҷаҳои намоёни тадқиқоти илмӣ мебошанд ва синнашон аз 50 зиёд нест, барои тайёр намудани рисолаҳои докторӣ ба мӯҳлати то ду сол ба вазифаи кормандони илмӣ (ходими хурди илм ва дотсент-ходими калони илмӣ) дар заминаи ДСХ гузаронидан мумкин аст, ки агар созишномаи байни роҳбарони онҳо ва ректори ДСХ бо шарти пардохти маблағи таҳсили тайёр намудани рисолаи докторӣ мавҷуд бошад.

2.3. Номзадҳои илм, ки ба вазифаи кормандони илмӣ барои тайёр кардани рисолаҳои докторӣ (минбаъд - кормандони илмӣ) ниёз доранд, ба номи ректори ДСХ, ки дар вазифаи омӯзгор фаъолият менамоянд, ариза навишта, ба он нақшаи муфассали рисолаи доктириро бо зикри мӯҳлати иҷрои он, рӯйхати асарҳои илмии чопшуда замима менамоянд.

2.4. Ректори ДСХ дар асоси хулосаи кафедраҳои дахлдор ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи номзади илм, ки ба вазифаи корманди илмӣ барои тайёр намудани рисолаи докторӣ гузаштанӣ мебошад, қарор қабул мекунад.

2.5. Дар давраи кор дар вазифаи корманди илмӣ номзади илм бояд рисолаи доктириро ба анҷом расонда, аз экспертизаи пешакӣ гузарад.

2.6. Омӯзгорон - номзадҳои илм, ки ба сабаби гузаштан ба вазифаи кормандони илмӣ аз кори омӯзгорӣ озод шудаанд, бо хоҳиши онҳо мумкин аст барои анҷом додани тадқиқоти илмӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмии дигар бо розигии ин муассисаҳо фиристода шаванд.

2.7. Кормандони илмӣ ҳуқуқ доранд дар сурати бомуваффақият иҷро намудани нақшаи тайёр кардани рисолаи докторӣ дар як вақт дар муассисаи дигар (ба андозаи 0,5 воҳиди корӣ) низ кор кунанд.

2.8. Кормандони илмӣ ҳуқуқи дохил шудан ба докторантура, истифода бурдани рухсатии эҷодиро барои ба анҷом расонидани рисолаи докторӣ надоранд.

2.9. Кормандони илмӣ ҳуқуқи баргаштан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва машғул шудан ба кори омӯзгориро доранд.

2.10. Дар давраи дар вазифаи корманди илмӣ барои тайёр намудани рисолаҳои докторӣ будани омӯзгорон, вазифаи омӯзгории онҳоро шахсони дигар метавонанд дар асоси қарордоди меҳнатӣ иҷро намоянд.

2.11. Маоши вазифагии номзадҳои илм, ки ба вазифаи корманди илмӣ гузаронида шудаанд, дар доираи музди меҳнати дар ДСХ муқарраршуда (вазифаи асосӣ), мувофиқи талаботи тахассус муайян карда мешавад.

2.12. Ба кормандони илмие, ки барои иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ ба ДСХ фиристода шудаанд, маош ва хароҷоти сафар аз рӯйи тартиби муқарраршуда дар ҷойи кори асосӣ пардохт карда мешавад.

## 3. Тайёр кардани рисолаҳои номзадӣ аз тарафи унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ аз истеҳсолот ҷудо нашуда

3.1. Кори мустақилонаи мутахассисон дар таълифи рисола бе ҷудо шудан аз истеҳсолот яке аз шаклҳои тайёр кардан ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии ДСХ, дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, илмиву тадқиқотӣ, кормандони муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо мебошад.

3.2. Унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ, ки бе ҷудо шудан аз истеҳсолот рисолаи номзадӣ таълиф менамоянд (минбаъд - унвонҷӯ), шахсоне метавонанд бошанд, ки таҳсилоти олии касбӣ доранд.

3.3. Унвонҷӯён барои супурдани имтиҳонҳои номзадӣ ва тайёр кардани рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ба ДСХ, ки аз рӯи ихтисосҳои марбута дорои аспирантура ва заминаи илмию тадқиқотӣ, таҷрибавӣ ва мутахассисони баландихтисоси илмӣ мебошанд, вобаста карда мешаванд.

3.4. Унвонҷӯён барои супурдани имтиҳонҳои номзадӣ ба мӯҳлати на бештар аз ду сол ва барои омода кардани рисола ба мӯҳлати на бештар аз се сол вобаста карда мешаванд. Мӯҳлати умумии унвонҷӯӣ набояд аз панҷ сол бештар бошад.

3.5. Ҳамзамон унвонҷӯй будан дар ДСХ ва дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаи илмӣ иҷозат дода намешавад.

Шахсоне, ки курси таҳсилро дар аспирантура ба поён расондаанд ва ҳамчунин муддати унвонҷӯиро пурра истифода бурдаанд, ҳуқуқи такроран ба ДСХ вобаста буданро надоранд.

3.6. Шахсоне, ки мӯҳлати нишондодашудаи унвонҷӯиро пурра истифода набурдаанд, метавонанд ба муддати боқимонда ба ДСХ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ вобаста гарданд.

3.7. Унвонҷӯён ба ДСХ мӯҳлате, ки ректори он муқаррар кардаанд, вобаста карда мешаванд.

3.8. Унвонҷӯ барои вобаста шудан ба ДСХ ба номи ректор ариза навишта, ба он нусхаи дипломи таҳсилоти олии касбӣ ва шаҳодатномаро дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (агар супурда бошад) замима менамояд.

3.9. Ректори ДСХ дар асоси натиҷаҳои сӯҳбати унвонҷӯ бо роҳбари илмии фарзӣ, хулосаи кафедра (марказ, шӯъба, бахш, озмоишгоҳ) дар бобати вобаста кардани унвонҷӯ ба кафедраи ДСХ бо нишон додани мӯҳлат ва тасдиқи роҳбари илмӣ фармон содир менамояд. Дар сурати фақат барои супурдани имтиҳонҳои номзадӣ вобаста кардани унвонҷӯ роҳбар тасдиқ карда намешавад. Роҳбарони илмии унвонҷӯён одатан аз ҳисоби докторҳои илм ва профессорҳо таъин карда мешаванд.

3.10. Агар унвонҷӯи барои супоридани имтиҳонҳои минимуми номзади вобаста карда шавад, роҳбари илми тасдиқ карда намешавад. Дар ин сурат ӯ ӯҳдадор аст, ки хароҷоти музди омӯзгорони имтиҳонгиранда ва дигар хароҷотҳои ДСХ-ро ба тариқи муқаррарнамудаи банди 4.18. ҳамин Низомнома пардохт намоянд.

3.11. Унвонҷӯй дар муддати ду моҳ барои баррасӣ ба кафедра (марказ, шӯъба, бахш, озмоишгоҳ), факултет нақшаи инфиродии корро, ки бо роҳбари илмӣ мувофиқа шудааст, пешниҳод менамоянд.

3.12. Нақшаи инфиродии кор ва мавзӯи рисола аввал дар маҷлиси кафедра баъд дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултет ва Шӯрои олимони ДСХ тасдиқ карда мешаванд.

3.13. Унвонҷӯён дар ҳар давра ҳисобот медиҳанд ва ҳар сол аз санҷиши кафедра (марказ, шӯъба, бахш, озмоишгоҳ,) ДСХ мегузаранд.

3.14. Унвонҷӯёне, ки нақшаи кори инфиродиро иҷро намекунанд, аз рӯйхати унвонҷӯён бароварда мешаванд.

3.15. Унвонҷӯён аз дастгоҳҳои зарурӣ истифода карда, ҳуқуқи корро дар утоқҳои корӣ, китобхонаҳои ҷойи вобасташуда доранд.

Роҳбарияти ДСХ ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муассисаҳои илмӣ ва корхонаву муассисаҳое, ки унвонҷӯён он ҷо кор мекунанд, ба онҳо барои муҳайё сохтани шароити зарурӣ дар таълифи рисола мусоидат менамоянд.

3.16. Унвонҷӯён дар ҷои вобасташуда аз таърих ва фалсафа, забони хориҷӣ ва ихтисос имтиҳони номзадӣ месупоранд.

Дар сурати ҳуқуқ надоштан ба қабули имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои ҷудогона (таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ) дар ДСХ, бо дархости ректори он ба унвонҷӯён иҷозат дода мешавад, ки имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмии дигар, ки аспирантура доранд, супоранд.

3.17. Хароҷоти пардохти музди роҳбарони илмӣ ва дигар хароҷотҳои ДСХ аз ҳисоби воситаҳои шартномавии (қарордодии) унвонҷӯён, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар тайёр намудани кадрҳои дорои дараҷаҳои илмӣ бо ДСХ шартномаҳо (қарордодҳо) бастаанд, сурат мегирад.

Анзозаи хароҷоти пардохти музди роҳбарони илмӣ ва дигар хароҷотҳои ДСХ барои кори мустақилонаи унвонҷӯён тибқи Сметаи ба тарзи муқаррагардида тасдиқнамудаи ДСХ муқаррар карда мешавад.

3.18. Дар сурати ҷуброн намудани хароҷотҳои тайёр намудан ва дифои рисолаҳои номзадии унвонҷӯён аз ҳисоби маблағҳои шартномавии ДСХ, унвонҷӯён вазифадоранд, ки се сол дар вазифае, ки ДСХ ба онҳо пешниҳод менамояд, кору фаъолият намоянд.

3.19. Дар сурати бе розигии ДСХ худсарона қатъ намудани муносибатҳои меҳнатӣ миёни унвонҷуён ва ДСХ, ки аз ҳисоби маблағҳои ДСХ дифоъ намудаанд, онҳо вазифадоранд, хароҷоти ДСХ-ро пурра пардохт намоянд. Аз ин хусус миёни ДСХ ва унвонҷӯён ҳангоми ба сифати унвонҷӯи кафедра қабул намудани мутахассис ё магистр шартнома ба имзо расонида мешавад

**ЗАМИМАИ 1**

ба Низомнома
дар бораи тайёр кардани кадрҳоиилмию педагогӣ
дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат

**ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШКАДАИ СОҲИБКОРӢ ВА ХИЗМАТ**

## ВАРАҚАИ АТТЕСТАТСИОНИИ

_______________________________________________

*(Насаб, ном ва номи падари аспирант (тадқиқотчӣ- унвонҷӯ)*

**барои соли ____ таҳсил (соли таҳсили 20___ / __ )**

Факултет
_______________________________________________

Кафедра
_______________________________________________

тахассус _______________________________________________

Шакли таҳсил _______________________________________________
*(рӯзона, гоибона, тадқиқотчӣ-унвонҷӯ)*

Роҳбари илмӣ _______________________________________________
*(ном, насаб ва номи падар, дараҷа ва унвони илмӣ)*

Санаи қабул ба аспирантура _______________________________________________
*( моҳ, сол )*

Мӯҳлати хатми аспирантура (унвонҷӯ) _______________________________________________
*(моҳ, сол)*

## Ҳисобот оид ба фаъолияти аспирант (унвонҷӯ)

**1. Имтиҳонҳои номзадӣ:**

| №№ т-бӣ | Номгӯи фан | Мӯҳлати супоридани имтиҳон | | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | аз рӯи нақша | воқеӣ (моҳ, сол) | |
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| 4. | | | | |

**2. Фаъолияти педагогии аспирант (унвонҷӯ )** (номгӯй, миқдори соатҳо)
Иштирок ба лексияҳои роҳбари илмӣ ва мутахассисони пешбар

_______________________________________________

Шаклҳои дигари фаъолияти педагогӣ

**3. Иҷроиши рисолаи номзадӣ**

Мавзӯи рисола

Мӯҳлати иҷро аз рӯи нақша

Фаслҳо (бобҳои) иҷрошуда

Тадқиқоти таҷрибавӣ

Мушкилотҳо дар раванди иҷроиши рисола

**4.Корҳои нашршуда:**

(Муаллиф, Номгӯи мақола // Маҷмӯъ. – Шаҳр: Нашриёт , Сол. – Саҳифа.)

5. **Корҳои нашрнашуда:**
    5.1. Корҳои ба депонент супоридашуда:

___

___

___

___

___

    5.2. Корҳои ба чом ва дигар матбуоти даврӣ пешнишниҳодшуда:

___

___

___

___

___

___

6. **Иштирок дар конференсияҳо, симпозиумҳо, семинарҳо, конкурсҳо мизҳои мудаввар ва нишастҳои матбуотӣ:**

(Номи конференсия, – байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, дохилӣ) (макон ва замони баргузорӣ, ҷой /диплом)

___

___

___

___

___

___

___

___

**7. Шаклҳои дигари фаъолияти аспирант (унвонҷӯ)**

___

___

___

___

___

___

Аспирант (унвонҷӯй) ____________________«___» __________соли 20___.
*(имзо ва ному насаб)*

**Аттестатсияи аспирант (унвонҷӯ) аз ҷониби роҳбари илмӣ:**

___

___

___

___

**Роҳбари илмӣ** ____________________ «___» _____________ соли 20___.
*(имзо ва ному насаб)*

**Хулосаи кафедраи**
____________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________

Суратмаҷлиси кафедраи___________________________аз «___» __________ соли 20___.

Мудири кафедра _________________________________«___» _____________ соли 20___.
*(имзо ва ному насаб)*

**Хулосаи факултети**
____________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________

Суратмаҷлиси Шӯрои олимони факултети____________________________________________
_____________________________________________аз «___» __________ соли 20___№_____.

Декани факултет _________________________________«___» _____________ соли 20__.